السنّة النبوية وعلومها
www.sunnah.global

# Эй мардум, ҳамоно Худо пок аст ва ҷуз покӣ чизеро қабул намекунад. Ба дурустӣ, Худо муъминонро бар он чи амр кардааст, ки паёмбаронро ба он амр карда буд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳамоно Худованд пок аст ва ҷуз покӣ чизеро қабул намекунад. Ба дурустӣ, Худо муъминонро бар он чи амр кардааст, ки паёмбаронро ба он амр карда буд. Ва Худои Таъоло мефармояд: ﴿Эй паёмбарон, аз покизаҳо бихӯред ва корҳои шоиста бикунед, ки ман ба он чи анҷом медиҳед, огоҳам﴾ [Сураи Муъминун, ояти 51]; ва муъминонро фармуд: ﴿Эй муъминон, аз неъматҳои покизае, ки ба шумо рӯзӣ додаем, бихӯред﴾ [Сураи Бақара, ояти 172]. Сипас паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мардеро зикр кард, ки сафари дуру дарозе мекунад, бо мӯйҳои парешону гардолуд, дастонашро ба сӯйи осмон бардошта мегӯяд: "Эй Парвардигори ман, эй Парвардигори ман!" Дар ҳоле, ки таому шароб ва либосаш аз ҳаром буда ва аз ҳаром ғизо гирифтааст. Пас дар чунин ҳол чӣ гуна (дуои ӯ) иҷобат мешавад?!".
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбари Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки Аллоҳ Таъоло поку муқаддас аст, аз ҳар гуна нуқс ва айб орӣ ва бо тамоми сифатҳои комил ороста аст. Ӯ танҳо амалҳо, гуфторҳо ва эътиқодҳои покро мепазирад, яъне он чи холисона барои Худост ва мувофиқ ба суннати Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мебошад. Пас, набояд касе ба Аллоҳ наздик шавад, магар бо он чи пок ва дуруст аст. Аз бузургтарин сабабҳои қабул шудани амалҳо, пок будани хӯроки банда аст, яъне аз ҳалол будани ризқаш. Агар хӯрданаш ҳалол бошад, амалаш низ пок мешавад. Бар ҳамин асос, Аллоҳ ба муъминон ҳамон чизеро амр кардааст, ки ба паёмбарон фармудааст: хӯрдани ҳалол ва анҷоми аъмоли солеҳ. Худованд мефармояд: (Эй паёмбарон, аз [ғизоҳои] покиза бихӯред ва кори шоиста анҷом диҳед. Яқинан, ман ба он чи мекунед, огоҳам), дар ҷои дигар мефармояд: (Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳои покизае, ки рӯзии шумо кардаем, бихӯред). Сипас Паёмбари Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз хӯрдани ҳаром, ки амалро фосид месозад ва монеи қабул шудани он мегардад, ҳушдор доданд, ҳарчанд инсон тамоми сабабҳои зоҳирии қабулро анҷом диҳад. Аз ҷумлаи ин сабабҳо: Аввал: Сафар кардан ба хотири тоатҳо, монанди ҳаҷ, ҷиҳод, силаи раҳм ва ғайра. Дувум: Зоҳири номураттаб: мӯйҳои парешон ва шона назада, хоколуд, либоси ифлос, яъне дар ҳолати ночорӣ ва ниёзмандӣ. Севум: Дастони худро ба сӯи осмон барои дуо мебардорад. Чаҳорум: Бо номҳои Аллоҳ дуо мекунад ва бо исрор мегӯяд: "Ё Рабб! Ё

Рабб!" Аммо бо вуҷуди ин ҳама нишонаҳои иҷобати дуо, дуояш қабул намешавад! (Чаро?) Зеро хӯрокаш ҳаром, нӯшокиаш ҳаром, либосаш ҳаром ва бо ҳаром парвариш ёфтааст. Пас, имкон надорад дуои касе, ки дорои ин гуна хусусиятҳо аст, қабул шавад. Чӣ гуна дуои касе, ки бо ҳаром бузург шудааст, қабул шавад!?

https://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/66518

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee